Протоколи № 7
мачлиси васеи Шурои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

аз 28 феврали соли 2023

Иштирок доштанд: 26 нафар аъзои Шурои олимони факултет, кафедраҳои педагогикаи умумӣ, факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус

**РӮЗНОМА**

**Муҳокимаи диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**ШУНИДА ШУД:**

Ҷаласаи васеи Шурои олимонро раиси Шурои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Усмонзода Д.А. оғоз намуд. Сараввал, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос карда, иброз намуд, ки диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба анҷом расидааст.

Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна соли 2006 факултети фанҳои табии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси омӯзгори биология хатм кардааст. Соли 2006 то 2010 ҳамчун ассисенти кафедраи экология ва методикаи таълими табиатшиносии факултети фанҳои табиӣ ва аз солои 2018 то имрӯз дар кафедраи экология ва ҳифзи табиати факултети геоэкология ва туризми МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ҳамчун омӯзгор кору фаъолият дорад.

Шаҳодатнома таҳти № 22 дар бораи супоридани имтиҳони номзадӣ аз таърих ва фалсафаи илм, аз фанни забони англисӣ ва педагогикаи умумӣ,

таърихи педагогика ва таҳсилот аз аз ҷониби МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дода шудааст.

Роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сабурӣ Хайрулло Мирзозода мебошанд.

Баъди якдилона овоз додан ба оғози ҷаласа унвонҷӯ ҳозиринро бо ислоҳу таҳрири норасоӣ, такмилу таҳрири пешниҳодҳои аз ҷониби муқарризон ва мутахассисон, ки дар ҷаласаи кафедра тазаккур ёфта буд, ошно намуд:

1. Муаммои зоҳир кардани эҳтиром ба арзишҳои ватандӯстӣ дар таълифоти олимони соҳа васеъ инъикос гардидааст. Дар баробари ин, масъалаи ташаккули майлу рағбат ба Ватан ҳамчун арзиш ҷиддӣ буда, вазъи имрӯзаи кишвар ва ҷаҳон бо тағйиротҳои умдаи худ барои гузаронидани таҳқиқотҳои мазкур хеле қулай аст. Ҳамзамон аҳамияти омӯзиши хусусиятҳои ҷавонони муосир дар ҳамин аст, ки онон ояндаи миллатанд. Диссертант қайд намуд, ки дар ташаккули майлу рағбат ба Ватан ҳамчун арзиш на танҳо дидгоҳҳои назариядонҳои маъруф, балки тамоми имкониятҳои раванди таълим, пеш аз ҳама таҷрибаомӯзиҳои таълимиро бояд ба назар гирифт, зеро муҳассилини курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар маҳз дар ҳамин синну сол ҷиҳати рафтору кирдор, муносибат,ояндаи худ фикр менамоянд, ки аз инкишофи ҳиссиёташон дарак медиҳад. Аксарияти онҳо дар назди худ мақсадҳои муайян, нақшаҳои мушаххас мегузоранд. Аз ҳамин лиҳоз, дар ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён чунин арзишҳо монанди мақсад, ҳавасмандӣ, идеал нақши ҳалкунанда доранд. Дар маҷмуъ ба донишҷӯёни курсҳои поёнӣ ташаббускорӣ, фаъолнокии ҷамъиятӣ хос аст, вале баробари ин аз ҳаёт дур будан, идеализатсия, афкори нисбатан маҳдуд низ ба назар мерасад. Норасоии таҷрибаи ҳаётӣ ба он оварда мерасонад, ки донишҷӯёни курсҳои поёнӣ на ҳама вақт далелҳои воқеиро ба андозаи муайян ба инобат мегиранд, чизи дидаашонро ба воқеият қабул намуда баъзан ба ночорӣ меафтанд.

2. Дар асоси таҳлилҳои назариявии гузаронидашуда хатарҳои шахсияти ҷавонони муосир муайян карда шуданд, ки инҳо: скептисизм, экосентризм, нигилизм, пастравии қобилияти таҳлил, мушкилӣ дар созмон додани занҷири мантиқии дурудароз, заифгардии ҳисси ҳамдардӣ, сатҳи пешрафт, сифати дониш, иродаи қавӣ надоштан, тез зери таъсири дигарон қарор гирифтан, парешонӣ, диққатнопазирӣ, ба нишондиҳандаҳои зоҳирӣ аҳамият додан ва диг. мебошанд. Ба андешаи диссертант, бартараф намудани ин хатарҳо дар

раванди ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки ба синну соли донишҷӯён мутобиқ гардонида шудааст, имконпазир аст. Самаранокии раванди ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ ҳамон вақт таъмин мегардад, ки муносибати донишҷӯён ба майлу рағбат табдил ёбад.

3. Дар заминаи таҳлили нуқтаи назари мутахассисони соҳа дар диссертатсия имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки бартарии ташаккули майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш муайян менамоянд, ошкор гардиданд: аксиологӣ (интиқоли арзишҳо ва таърихи таҳаввули табиат, ки дар ҷараёни шаклгирии объектҳои табиӣ, натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ, ёдгориҳои табиӣ, изу акси мавҷудоти зинда, сарчашмаҳои ибтидоии воқеиву аслӣ зоҳир мешавад), маърифатӣ (донишандӯзӣ зимни такя ба сарчашмаҳо, объектҳои табиии аслӣ, эҳсосоти баланд аз объектҳои табиӣ, чун шаршара, дарё, пирях, ғор, чашма, иншоотҳои бузурги иқтисодӣ, чун НБО, корхонаҳои саноатӣ ва ғ., хусусияти маърифатии ҳодисаҳои табиӣ, ҳавасмандӣ ҷиҳати таҳқиқоти мустақилона, фаъолияти эҷодӣ)), иҷтимоикунанда (муносибат нисбат ба ёдгориҳои табиӣ, дарки шахсии ҳодисаҳои табиӣ, инъикоси мушкилоти ҷамъияти муосир ва минтақаҳои алоҳида), ахборотӣ–мундариҷавӣ (мувофиқат ба стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, алоқаи байни фанҳо, вариативнокии раванди таълим дар таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ), эҷодӣ–арзишӣ (таъсири субъективу объективии муассисаи таълимӣ ва мавзеъҳои табиӣ, мамнуъгоҳу парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ, ки дар асоси ҳамкории дуҷониба ба роҳ монда мешавад), ташкилӣ–вазифавӣ (омӯзгору донишҷӯ, фазогӣ–объектӣ, муҷаҳҳаз будан бо маводҳои техникии коркарди натиҷаи таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ), ки дар зерфасли дуюми фасли дуюми диссертатсия инъикос ёфтаанд. Диссертант таъкид менамояд, ки табиат дар канори муҳити таълимӣ воситаи самараноки таълим ва тарбия маҳсуб ёфта, имкониятҳои пуриқтидори педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёнро доро аст.

4. Корҳои озмоишӣ тавассути методҳои гуногун ҷиҳати татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ баргузор гардидаанд. Таҷрибаи татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ба роҳ монда шуда, динамикаи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ муайян гардидааст, ки дар фасли сеюм муфассал инъикоси худро ёфтааст.

5. Ғалатҳои услубиву имлоӣ ва китобатӣ ба ислоҳ расиданд.

Ҳамчунин бо маърӯзаи хеш дар бораи мазмуни асосии диссертатсионӣ баромад намуд. Аз ҷумла иброз кард, ки майли донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ дар ду ҷанбаъ: ҳамчун раванд ва ҳамчун натиҷа арзёбӣ мегардад. Майлу рағбат ҳамчун раванд–ин ташаккули муносибати устувор нисбат ба арзишҳои таъриху фарҳанг, анъанаву ғояҳои миллӣ, халқ, гузашта, имрӯз ва фардои кишвар, табиат, боигариҳои табиӣ, ки натиҷаи гузариш аз муносибат ба майлу рағбат мебошад.

Майлу рағбат ҳамчун натиҷа–ин озодона соҳиб будан ба доираи фарохи донишҳо дар бораи Ватан, ки як қатор майлҳоро (маҳалли зист, зодгоҳ, анъана, расму оин, таърих, фарҳанг, хусусиятҳои табиӣ, мавқеи географӣ, хусусиятҳои миллӣ, халқ, давлат, ватандӯстӣ, қарз, шараф) муттаҳид менамояд.

Аз сӯи дигар, амсилаи сохторӣ–вазифавии ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ алоқамандии ҷузъҳои сохторӣ (мақсад, мундариҷа, натиҷа) ва вазифаҳои он (ахборотӣ, баҳодиҳӣ, ҳавасмандгардонӣ)-ро инъикос мекунад ва дорои муносибати фаъол ва принсипҳо (аксиологӣ, фардӣ, рефлексивӣ, лоиҳанокӣ, фаъолонокии эҷодӣ) буда, мантиқан давра ба давра ноил шудан ба натиҷаро тавассути механизми ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб ва лоиҳабандӣ талаб менамояд, мураттаб карда шудааст, ки мутобиқи талаботи замон буда, таҳқиқи мавзӯи номбурда аҳаммияти назарию амалӣ ва тарбиявӣ дорад.

Пас аз баромади унвонҷӯ Ҳайдарова М.М. суолу ҷавобҳо сурат гирифтанд. Ба унвонҷӯ суолҳои зерин дода шуданд:

**Профессор Шаропов Ш:** 1. Воситаи асосии тағйироти мусбиро дар ташаккули майли донишҷӯёни курсҳои болоӣ ба Ватан ҳамчун арзиш чӣ гуна арзёбӣ мекунед? 2. Мубрамии масъалаи таҳқиқотиро дар чӣ мебинед? 3. Мақсади корҳои озмоишӣ аз чӣ иборат буд?

**Н.и.педагогӣ. Вализода Ш:** 1. Кадом олимони тоҷик перомуни мазмун ва мундариҷаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон, технология ва механизмҳои татбиқи он изҳори назар кардаанд? 2. Асосҳои методологии таҳқиқоти шуморо чӣ ташкил медиҳад?

**Дотсент. Каримова М:** 1. Дар таҳқиқоти худ кадом ҷузъҳои мундариҷаи арзишҳои ватандӯстиро корбаст намудед? 2. Дар таҳқиқоти худ кадом имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки бартарии ташаккули майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш муайян менамоянд, ошкор намудед?

**Дотсент. Сатторов Ӯ:** 1. Муайян намудани динамикаи ташаккулёбии майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳрой ва комплексӣ аз рӯи кадом меъёрҳо ба роҳ монда шуд? 2. Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқоти худро муаррифӣ намоед.

**Дотсент. Маҳмудшехова М.А:** 1. Перомуни таҳқиқоти диссертатсионии шумо кадом донишмандони рус корҳои илмӣ бурдаанд? 2. Зимни баррасии арзишҳои ватандӯстӣ аз андешаҳои кадом мутафаккирони тоҷик истифода бурдаед?

Унвонҷӯ Ҳайдарова М.М. ба суолҳои аз ҷониби мутаассисон додашуда ҷавобҳои мувофиқу қонеъкунанда дода, барои тақвият башидан ба гуфтаҳои хеш мисолҳои мушаххас овард.

Баъд аз саволу ҷавоб тақризи муқарризони холис директори Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои педагогӣ дар МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, доктори илми педагогӣ, профессор Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович ва Элмуродова Садбарг Худойназаровна-номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров шунида шуд.

Дар баромади муқарризон қайд гардид, ки унвонҷӯ масъалаи мубрам ва муҳимро барои таҳқиқ интихоб карда, дар ҳалли вазифа ва мақсадҳои гузошта комёб гаштааст. Ӯ дуруст қайд намудааст, ки ташаккули ҳисси эҳтироми донишҷӯён нисбат ба Ватан яке аз хусусиятҳои муҳими раванди таҷрибаомӯзӣ дар табиат ва объектҳои иқтисодӣ мебошад.

Омӯзиш ва корбурди имкониятҳои педагогӣ ҳангоми таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳрой ва комплексӣ, дар ташаккули эҳсоси ватандустӣ ва ҳисси худшиносии донишҷӯён нақши муассир мегузорад.

Дар диссертатсия бори аввал дар илми педагогикаи тоҷик амсилаи сохторӣ ва вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ки маҷмӯи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд (мақсаднок, пурмазмун, самарабахш) ва вазифаҳоро (иттилоотӣ, арзёбӣ, ҳавасмандкунанда) инъикос карда, аз рӯи мундариҷаи муносибат ва принсипҳои фаъолнок (аксиологӣ, фардӣ, рефлексӣ, лоиҳавӣ, фаъолияти эҷодӣ) муқаррар гардида, мантиқан марҳиланокиро (таъин, тағйирот, лоиҳабандӣ) ҷиҳати ба даст овардани натиҷа ба роҳандозии механизми якҷояи арзишӣ (ҷустуҷӯ, арзёбӣ, интихоб) имкон медиҳад, пешниҳод шудааст

Дар диссертатсия роҳҳои истифодаи босамари имкониятҳои педагогӣ (шартҳои педагогӣ) дар раванди таҷрибаомузӣ барои шинохт ва омӯзиши арзишҳои фарҳангию табиӣ ва таъриxиву миллӣ дар асоси манбаъҳои табиии кишвар ва фаро гирифтани иттилооти арзишманд муоидат намуда, дар баланд бардоштани мавқеи иҷтимоии шахс тавассути объектҳои иқтисодиву иҷтимоӣ имкон фароҳам меоварад, тарҳрезӣ гардидаанд. Зеро интихоби роҳҳои самараноки таҷрибаомӯзиҳои саҳроиву комплексӣ, муҷаҳҳазии ҳамаҷониба, таъмини иттилоотии раванди таълим дар таҷрибаомӯзӣ бо истифодаи захираҳои аксиологӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ, эҷодӣ, ташкилӣ ва ғ. ҷиҳати таҳкими потенсиали педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ–саҳроӣ ва комплексӣ заминаи мусоид фароҳам месозад. Ин аст, ки дар заминаи ҷорӣ намудани сохторҳои модели ғайримуқаррарӣ баланд бардоштани майли донишҷӯён нисбат ба бойгариҳои табииву иқтисодӣ ва фарҳангии Ватан ҳангоми таҷрибаомӯзӣ имконпазир мебошад. Зеро амалкарди ин раванд ҷанбаҳои арзишманди манотиқи мухталифи кишварро ошкор намуда, дар асоснок намудани имкониятҳои педагогӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар навиштани китобҳои дарсӣ доир география, экология, биология, дастурҳои таълимӣ доир ба методикаи таълими ин фанҳо, васоити таълимӣ оид ба ташкили таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, коркарди дастурамалҳо барои донишҷӯён, хондани лексияҳо, гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо, корбасти рисолаҳои хатм ва корҳои курсӣ мавриди истифода қарор бигирад.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Ҳайдарова М.М. таҳти унвони “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ мебошад.

Муқарризон аз ҷумла иброз доштанд, ки муҳтавои асосии дессертатсионии унвонҷӯ дар 18 номгӯй таълифи муаллиф дар шакли мақола ва маърӯза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла 5 номгӯй мақолаҳои муаллиф дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Сохтор ва муҳтавои дессертатсияи муҳокимашаванда ба талабот ҷавобгӯ буда, онро ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Сипас, диссертатсияи номзадии Ҳайдарова М.М. таҳти унвони “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01.-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) аз ҷониби аъзоёни Шӯрои олимон мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар рафти музокира аз ҷумла:

Профессор Шаропов Ш.А. таъкид кард:

Дар диссертатсияи мазкур амсилаи ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ коркард ва самтҳои асосии фаъолияти педагогӣ барои ноил шудан ба натиҷаи самарабахш муайян карда шудааст.

Амсила (модел)-и сохторӣ–вазифавии пешниҳодшуда мақсади меҳварии таҳқиқот–ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстиро инъикос намуда, мақоми идоракунӣ дорад ва омили муайянкунандаи ҷузъҳои мундариҷавӣ ва натиҷавӣ, муайянкунандаи алоқамандии байниҳамдигарии онҳо маҳсуб меёбад.

Дотсент Каримова М. Мавзуи рисолаи илмии Ҳайдарова М.М. мавзуи мубрами таълим буда, барои босамар гардидани раванди ташаккули арзишҳои ватандӯстии ҷавонон тавассути таҷрибаомӯзии таълимӣ хеле муфид аст. Коркарди пешниҳодот, ки дар диссертатсия оварда шудааст, барои такмили минбаъдаи таъмини илмӣ-методии кафедраҳои пойгоҳӣ, дар амалияи муассисаҳои таълимии тахассусӣ, ҳангоми навиштани таҳқиқотҳои илмӣ аз ҷониби бакалаврон, магистрон ва унвонҷӯён мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

Иштирокдорони дигари ҷаласа, дотсентон Шаропов Ш.Э., Ҷӯраева М.У., Бурҳонов Қ., ва Маҳмудшехова М.А. ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба мазмуну мухтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз намуда, дар маҷмуъ ба диссертатсия баҳои мусбат доданд.

Дар фарҷоми муҳокима бо назардошти пешниҳодоти иштирокчиён аъзои ҷаласа

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) анҷомёфта ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-26-и назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" пешниҳод карда шавад.

2. Қарор дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 26 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” -26 нафар, “муқобил” - нест, протоколи № 7 аз 28.02.2023 Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа:
Раиси Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Усмонзода Д.А.

**Муқарризони холис:**
Директори Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои педагогии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Ш.А Шаропов.

дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”, н.и.п. дотсент, С.Х.Элмуродова

Котиби илмии Шуро дотсент, н.и.п. Д.З. Раҳмонова

**Имзои** Д.А.Усмонзода, Ш.А.Шаропов ва С.Х. Элмуродоваро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Э.М. Наврӯзов

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел: +(992) 92900420202
E-mail: rayosati_kadr@mail.ru